**СУРАТМАҶЛИСИ №4**

**маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**«17» марти соли 2026** **г. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2025, №421/шд тасдиқ шудаанд, 9 нафар ҳузур доштанд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд

Пешниҳод гардид, ки маҷлис оғоз карда шавад. Пешниҳоди дигар ворид нашуд. Қарор якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи доктории Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.4.3 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ)

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа Кахоров Г.Г. баромад намуд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи доктории Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.4.3 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) пешниҳод шудааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– доктори илмҳои сотсиологӣ, профессори кафедраи сотсиологияи Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек (ш. Тошканд, Ҷумҳурии Ӯзбекистон) Ҳусанова Ҳайринисо Тайировна;

– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи масъалаҳои назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон) Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн;

– доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон) Ҷононов Сайдамир.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Чопи автореферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мутахассис мебошанд, тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои фалсафа, дотсент Назар Муъмин Абдуҷалол;
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Қурбонов Абдураҳмон Шерович;
- доктори илмҳои фалсафа Кахоров Гаюр Гафурович;
- доктори илмҳои фалсафа Маҳмадизода Нозим Давлатмурод;
- доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Шоисматуллоев Шоназар.

7. Санаи ҳимоя «3» июли соли 2026, соати 13:00 таъин карда шавад.

Қарор бо овоздиҳии кушода якдилона қабул гардид.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, дотсент** _______________/ **М. Назар**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** _______________/ **Б. Насурова**